Аллоҳ ба ғайрат (рашк) меояд ва муъмин ба ғайрат меояд. Ва ғайрати Аллоҳ он аст, ки муъмин кореро, ки бар ӯ ҳаром шудааст, анҷом медиҳад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Аллоҳ ба ғайрат (рашк) меояд ва муъмин ба ғайрат меояд. Ва ғайрати Аллоҳ он аст, ки муъмин кореро, ки бар ӯ ҳаром шудааст, анҷом медиҳад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки Аллоҳ ғайратманд мешавад ва бад мебинад, ҳамонтавр ки муъмин ғайратманд мешаваду бад мебинад. Ва сабаби ғайрати Аллоҳ он аст, ки чизеро Аллоҳ аз гуноҳон ва зиштиҳо ҳаром сохта аст, монанди зино, ливота, дуздӣ, арақ нӯшидан ва дигар бадахлоқиҳо, муъмин онҳоро муртакиб мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3354